# Пайғамбарлар 5



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ЗАКАРЁ
ЗАКАРЁ ДАР БОБИЛ ТАВАЛЛУД ШУД.
Ӯ ҲАМРОҲИ БОБОЯШ ИДДУ ЧУН ЯКЕ АЗ МУҲОҶИРОН БА УРШАЛИМ БАРГАШТ.
ЗАКАРЁКОҲ ИН ШУД.
АЗ РӮИ РИВОЯТ, Ӯ УЗВИ ҶАМЪОМАДИ БУЗУРГ, ШӮРОИ ИБОРАТ АЗ 120 РОҲБАРОН БУД, КИ ОНРО НАҲЕМЁ ТАЪСИС ДОДА БУД ВА ЭЗРО ОНРО НАЗОРАТ МЕНАМУД. ДЕРТАР ОН ШӮРОИ ПИРОН НОМИДА ШУД.
ЧУНПАЙҒАМБАР ҲАҶҶАЙ, КИ ҲАМЗАМОНИ Ӯ БУД, Ӯ АЗ ҶОНИБИ ХУДО ДАЪВАТ ШУДА БУД, КИ БА МУҲОҶИРОНИ БА ЗАМИНИ ВАЪДАШУДА БАРГАШТАГӢ ПАЁМИ ХУДОРО РАСОНАД.


Ӯ БА ХАЛҚИ ХУД ПАЁМИ РАВШАНЕРО РАСОНД.
ПАРВАРДИГОР БАР ПАДАРОНИ ШУМО ХЕЛЕ ХАШМГИН БУД.
АММО АГАР ШУМО СӮИ Ӯ БАРГАРДЕД, Ӯ БА ШУМО НЕКӢ ХОҲАД КАРД.
ПАДАРОНАТОН ВА ПАЙҒАМБАРОНИ ОНҲО КАЙҲО МУРДААНД, АММО ОНҲО ДАРСЕРО АЗ ХУД КАРДААНД, КИ КАЛОМИ ХУДО ҲАМЕША РОСТ АСТ!
ҶАЗОИ ПЕШГӮИШУДА ИҶРО ШУД. ДАР ОХИР ОНҲО ТАВБА КАРДА, ГУФТАНД: « БАРОИ БАРДКИРДОРИҲОЯМОН САЗОИ МУНОСИБЕ БА САРАМОН ОМАД».
МОНАНДИ ПАДАРОНАТ ОН НАБОШЕД!
«СӮИ МАН БАРГАРДЕД»,– МЕГУФТ ПАРВАРДИГОР ХУДО. АММО ОНҲО ГӮШ НАКАРДАНД; ОНҲО БА ИН СУХАНОН ТАМОМАН АҲАМИЯТ НАДОДАНД.
ХУДО БАЗАКАРЁ ДАР БОРАИ ОЯНДА ҲАШТ РӮЪЁ ДОД – ҲАМА ДАР ЯК ШАБ
БАЪЗЕИ ОНҲО ИҶРО ШУДААНД – АММО БАЪЗЕИ ДИГАР ҲАНГОМИ ОМАДАНИ ДУЮМИ ИСОИ МАСЕҲ ИҶРО МЕШАВАНД.

Закарё 1:2-6


ХОҶААМ, ҲАМАИ ИН АСПҲО БАРОИ ЧӢ МЕБОШАНД?
ХУДО ОНҲОРО ФИРИСТОДААСТ, ТО БАР ЗАМИН БАРОИ Ӯ ГАШТУГУЗОР КУНАНД.
ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО МЕГӮЯД, КИ ШАҲРҲОИ ИСРОИЛ АЗ НАВ РИВОҶУ РАВНАҚ ХОҲАНД КАРД.
ХУДО АЗ НАВ УРШАЛИМРО ТАСАЛЛО ДОДА, ОНРО БАРАКАТ ХОҲАД ДОД, ВА ДАР ОН СОКИН ХОҲАД ШУД.
ИНҲО ЧИСТАНД?
ИН ЧОР ШОХ РАМЗИ ЧОР ҚУВВАИ ҶАҲОНӢ МЕБОШАНД, КИ ЯҲУДО, ИСРОИЛ ВА УРШАЛИМРО ПАРОКАНДА КАРДААНД.
ИН КОРГАРОН БАРОИ ЧӢ ОМАДААНД?
ОНҲО ОМАДААНД, ТО ИН ЧОР ШОХРО, КИ ЯҲУДОРО БЕРАҲМОНА ПАРОКАНДА КАРДААНД, ШИКАСТА ПАРТОЯНД.
Закарё 1:7-20




Закарё 2:1-3:10


ИН ЧӢ МАЪНО ДОРАД?
«ИН СУХАНИ ХУДОСТ БА ЗАРУБОБИЛ: НА БО ҚУДРАТ ВА НА БО ҚУВВАТ, БАЛКИ БО РӯҲИ МАН, МЕГӯЯД ПАРВАРДИГОР». «ТУ ДАР КОРҲОЯТ МУВАФФАҚИЯТ ПАЙДО МЕКУНӢ, ЧУНКИ РӮҲИ МАН БО ТУ ХОҲАД БУД».
«ЗАРУБОБИЛ СОХТМОНИ ИН ИБОДАТГОҲРО ТАҲТИ НИДОҲОИ ШУКРГУЗОРӢ БАРОИ МАРҲАМАТИ ХУДО БА АНҶОМ МЕРАСОНАД».
ТУ ЧИРО МЕБИНӢ?
ТӮМОРИ ПАРРОНЕ МЕБИНАМ! ДАРОЗИИ ОН ТАҚРИБАН ДАҲ МЕТР, ВА БАРАШ ПАНҶ МЕТР АСТ!
ОН РАМЗИ ЛАЪНАТИ ХУДОСТ, КИ БАР РӮИ ТАМОМИ ЗАМИН МЕРАВАД.
Ӯ МЕГӮЯД, КИ ҲАР КӢ ДУЗДӢ МЕКУНАД ВА ДУРӮҒ МЕГӮЯД, БА МАРГ МАҲКУМ КАРДА МЕШАВАД.


ИН ЧИСТ?
ИН САБАДИ КАЛОНИ ПУР АЗ ГУНОҲҲОЕСТ, КИ ДАР ТАМОМИ ҶАҲОН ДИДА МЕШАВАНД.
ОН РАМЗИ БАДКИРДОРӢ АСТ.
ОНҲО ИН САБАДРО КУҶО МЕБАРАНД?
БА БОБИЛ, ТО ДАР ОН ҶО БАҲРИ ОН ИБОДАТГОҲЕ БИНО КУНАНД – БАРОИ ПАРАСТИШИ ОН!
ИНҲО ЧИҲОЯНД, ЭЙ ХОҶААМ?
ИНҲО ЧОР БОДИ ОСМОН МЕБОШАНД, КИ ДАР ПЕШИ ПАРВАРДИГОРИ ТАМОМИ ЗАМИН МЕИСТАНД; ОНҲО БАРОИ ИҶРОИ КОРИ Ӯ БЕРУН МЕОЯНД.
СИПАСПАРВАРДИГОР МАРО ДАЪВАТ КАРДА, ГУФТ: «ОНҲОЕ КИ СӮИ ЗАМИНИ ШИМОЛ БЕРУН РАФТАНД, ХАШМИ МАРО ДАР ОН ҶО ФУРӮ НИШОНИДАНД».
Закарё 5:5-6:8


ҲЕЛДАЙ, ТУБИЁ ВА ЕДАЪЁ ҲАДИЯҲОИ НУҚРА ВА ТИЛЛОРО АЗ ЯҲУДИЁНЕ КИ АЗ БОБИЛ КӮЧОНИДА ШУДААНД, МЕОВАРАНД. ОНҲОРО ДАР ХОНАИ ЮШАЪ ПЕШВОЗ ГИР.
ҲАДИЯҲОИ ОНҲОРО БИГИР ВА ТОҶҲО СОХТА, БАР САРИ САРКОҲИН ЮШАЪ БИГУЗОР.
БА Ӯ ГӮЙ, КИ ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО МЕГӮЯД: «ТУ ТИМСОЛИ МАРДЕ ҲАСТӢ, КИ МЕОЯД ВА НОМИ Ӯ «НАВДА»1 АСТ, ВА Ӯ ИБОДАТГОҲИ ПАРВАРДИГОРРО БИНО ХОҲАД КАРД».
(1) ЯКЕ АЗ УНВОНҲОИ МАСЕҲИ МЕОМАДА.
МУЛКИ ПОДШОҲӢ БА Ӯ ТААЛЛУҚ ДОРАД. Ӯ ЧУН ПОДШОҲ ВА КОҲИН ҲУКМРОНӢ ХОҲАД КАРД, ДАР МУВОФИҚАТИ КОМИЛ ДАР МИЁНИ ҲАР ДУО ОНҲО.
БАЪД ТОҶҲОРО ДАР ИБОДАТГОҲИ ПАРВАРДИГОР ГУЗОР, БАРОИ ЭҲТИРОМИ КАСОНЕ КИ ОНҲОРО ДОДААНД – ҲЕЛДАЙ, ТУБИЁ, ЕДАЪЁВА ЙӮШИЁ.
ИН СЕ КАС, КИ АЗ ҶОЙҲОИ ДУР ОМАДААНД, ТАҶАССУМИ БИСЁР ДИГАРОН МЕБОШАНД, КИ ЗАМОНЕ АЗ ЗАМИНҲОИ ДУРДАСТ МЕОЯНД, ТО КИ ИБОДАТГОҲИ ПАРВАРДИГОРРО БАРҚАРОР КУНАНД.
ҲАНГОМЕ КИ ИН РӮЙ МЕДИҲАД, ШУМО МЕФАҲМЕД, КИ ПАЁМҲОИ МАН АЗ ҶОНИБИ ХУДО, ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО БУДАНД.
АММО ҲАМАИ ИН ТАНҲО ДАР ОН МАВРИД РӮЙ МЕДИҲАД, КИ ШУМО БА ФАРМУДАҲОИ ПАРВАРДИГОРХУДОЯТО Н ИТОАТ НАМОЕД.

Закарё 6:9-15


ДАР ДАВОМИ 70 СОЛИ АСОРАТ ЯҲУДИЁН СОЛЕ ДУ БОР РӮЗА МЕГИРИФТАНД.
ОНҲО ОМАДАНД, ТО АЗ ПАЙҒАМБАР ПУРСАНД, КИ ОЁ ИНРО ДАВОМ ДИҲАНД.
Ӯ БА ОНҲО ҶАВОБИ ПАРВАРДИГОРРО РАСОНД....
ПАРВАРДИГОРМЕПУРСАД: «ДАР ДАВОМИ ИН 70 СОЛИ АСОРАТ ВА РӮЗА ОЁ ШУМО КӮШИШ КАРДЕД ГУНОҲИ ХУДРО ТАРК НАМОЕД ВА НАЗДИ МАН БАРГАРДЕД?»
«ҲАНГОМЕ КИ УРШАЛИМ НАШЪУНАМО МЕКАРД, ПАЙҒАМБАРОН ОГОҲ МЕНАМУДАНД, КИ ЧУНИН МУНОСИБАТ БОИСИ ХАРОБ ШУДАНИ ШАҲР МЕГАРДАД – ҲАМИН ТАВР ҲАМ ШУД».
«АЗ РӮИ АДЛУ ИНСОФ ДОВАРӢ КУНЕД, ВА БА ЯКДИГАР ЭҲСОН ВА МАРҲАМАТ ЗОҲИР НАМОЕД;БЕВА ВА ЯТИМ, ВА ҒАРИБ ВА БЕНАВОРО БА ТАНГ НАОВАРЕД, ВА БА ЗИДДИ ЯКДИГАР БАДӢ НААНДЕШЕД».
«ПАДАРОНИ ШУМО АЗ ГӮШ ДОДАН РӮ ТОФТАНД, ВА САРКАШӢ КАРДАНД, ВА ГӮШҲОИ ХУДРО КАР КАРДАНД, ТО КИ ПАРВАРДИГОРРО НАШНАВАНД».
«АЗ ҲАМИН САБАБ ХАШМИ БУЗУРГЕ  БАР ОНҲО АЗ ҶОНИБИ ХУДО БА АМАЛ ОМАД».
Закарё 7:1-14


ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО МЕГӮЯД: "МАН АЗ БОИСИ ОН ЧИ ДУШМАНОНИ УРШАЛИМ ДАР ҲАҚҚИ ОН КАРДААНД,БЕАНДОЗА ХАШМГИН ШУДААМ "».
«ШАҲРИ ҲАМОТ МАҲКУМ ШУДААСТ. СУР ТО АСОСҲОЯШ СӮЗОНДА МЕШАВАД».1
«ФАЛИШТИЁН АЗ АЗ ОН ЧИ МЕБИНАНД, БА ТАРС МЕАФТАНД».
«...ВА МАН ОНҲОРО БОЗМЕДОРАМ; ҲЕҶ ЯК ИСТИЛОГАРИ АҶНАБӢ АЗ ЗАМИНИ ХАЛҚИ МАН НАХОҲАД ГУЗАШТ».2
(1) СУР БО ДЕВОРҲОИ БАЛАНДАШ, КИ ДАР БАЪЗЕ ҶОЙҲО БА 50 МЕТР МЕРАСИД, ДАСТНОРАС ҲИСОБИДА МЕШУД. АММО ИСКАНДАРИ БУЗУРГ ДАР РӮ БА РӮИ СУР ХОКТЕППА БУНЁД НАМУДВА ОНРО ДАР МУДДАТИ ҲАФТ МОҲ ХАРОБ ГАРДОНД.
(2) ИСКАНДАРИ БУЗУРГ ДУ БОР АЗ УРШАЛИМ ГУЗАШТ ВА ЯГОН БОР БА ОН ЗАРАР НАРАСОНД.
«НИДОҲОИ ШОДӢ БИДЕҲ, ЭЙ ХАЛҚИ МАН! ИНАК, ПОДШОҲИ ТУ МЕОЯД!»
«Ӯ ҒОЛИБИ РОСТКОР АСТ!»
«АГАРЧИ Ӯ ҲАЛИМ АСТ ВА БАР КУРРАХАРЕ САВОР АСТ».3
(3) МАСЕҲ САВОРИ КУРРАХАРЕ БА УРШАЛИМ ВОРИД ШУД.
ПАРВАРДИГОРМЕГӮЯД: «МАН ЯҲУДО ВА ИСРОИЛРО ҚАВӢ МЕГАРДОНАМ; МАН ОНҲОРО БАРҚАРОР МЕКУНАМ, ЗЕРО ОНҲОРО ДӮСТ ДОШТААМ».
«БО ҚУВВАИ ХУД ХАЛҚАМРО ҚАВӢ МЕГАРДОНАМ!»
«ДАР ХУСУСИ ТУ, ЭЙ ЛУБНОН – ОТАШ АРЗҲОИ ТУРО ФУРӮ МЕБАРАД!»

Закарё 8-11:4




Закарё 11:4-10


ВА МАН БА САРВАРОНИ ОНҲО ГУФТАМ: «АГАР ДАР НАЗАРИ ШУМО ПИСАНД ОЯД, МУЗДИ МАРО ДИҲЕД; АММО АГАР НАХОҲЕД – НАДИҲЕД».
«ВА ОНҲО МУЗДИ МАРО БА ҚАДРИ СӢ СИҚЛИ НУҚРА БАРКАШИДАНД».1
(1) ЯҲУДО ИСОИ МАСЕҲРО ДАР ИВАЗИ 30 ТАНГАИ НУҚРА ФУРӮХТ.
ВАПАРВАРДИГОРБА МАН ГУФТ: «БО ИН ПУЛ КИШТЗОРИ КУЛОЛРО БИХАР2 – БО ИН АРЗИШИ ГАРОН, КИ АЗ ҶОНИБИ ОНҲО БАҲО ДОДА ШУДААМ!»3
«ВАМАНСӣСИҚЛИНУҚРАРОГИРИФТА, ДАРИБОДАТГОҲБАРОИКУЛОЛҲОПАРТОФТАМ».
(2) САРВАРОНИ ЯҲУДӢ БО СӢ ТАНГАИ НУҚРАИ БАРГАРДОНДАШУДА КИШТЗОРЕРО ХАРИДАНД.
(3) ИСОРО АЗ РӮИ АРЗИШИ ЯК ҒУЛОМИ МУҚАРРАРӢ НАРХ ГУЗОШТАНД.
(4) ЯҲУДО БАРОИ КОРИ КАРДААШ ҒАМГИН ШУДА, 30 ТАНГАИ НУҚРАРО ДАР ИБОДАТГОҲ ПАРТОФТ.
ВА АСОИ ДУЮМИ ХУД – ВАҲДАТРО ШИКАСТАМ, ТО НИШОН ДИҲАМ, КИ БАРОДАРИИ БАЙНИ ЯҲУДО ВА ИСРОИЛ БЕКОР КАРДАШУДААСТ.5
(5) ПАС АЗ РАД КАРДАНИ МАСЕҲ ИХТИЛОФОТИ ДОХИЛӢ БАЙНИ ҶАМОАТҲОИ ГУНОГУН ЯҲУДИЁНРО ЗИДДИ ЯКДИГАР БАРАНГЕХТАНД.
МАН БА ИН ХАЛҚ ҶӯПОНЕРО ХОҲАМ ДОД, КИ ДАРИДАШУДАГОНРО БА ЁД НАХОҲАД ОВАРД, ГУМШУДАГОНРО ҶУСТУҶӯ НАХОҲАД КАРД. ӯ ГӯШТИ ФАРБЕҲОНРО ХОҲАД ХӯРД, ВА СУМҲОИ ОНҲОРО ХОҲАД ШИКАСТ.6
(6) ПАС АЗ ОН КИ ЯҲУДИЁН ЧӮПОНИ НЕКРО РАД КАРДАНД, ЧӮПОНИ АҲМАҚЕ БА ОНҲО ДОДА ХОҲАД ШУД. ЗИДДИМАСЕҲ ДАР ҲАҚҚИ ОНҲО ҒАМХОРӢ НАХОҲАД КАРД, БАЛКИ БА ОНҲО ЗАРАР ХОҲАД РАСОНД.


«ИН ТАҚДИРИ ИСРОИЛ АСТ... ИНАК, МАН УРШАЛИМРО БАРОИ ҲАМАИ МАРДУМОНИ ГИРДУ ПЕШ, КИ ЛАШКАРҲОИ ХУДРО БАРОИ МУҲОСИРА НАМУДАНИ ШАҲР МЕФИРИСТАНД, КОСАИ ЗАҲР ХОҲАМ ГАРДОНИД».
«ВА ҲАМАИ ХАЛҚҲОЕ КИ ОНРО БАРДОШТАНӢ МЕШАВАНД, САХТ ЗАХМДОР ХОҲАНД ШУД».
«ПАРВАРДИГОР ДАР АВВАЛ БА БОҚИМОНДАИ ЯҲУДО ҒАЛАБА АТО МЕНАМОЯД, ТО КИ ХАЛҚИ УРШАЛИМ АЗ МУВАФФАҚИЯТҲОИ ХУД МАҒРУР НАШАВАД».1
(1) ҲАНГОМЕ КИ ЗИДДИМАСЕҲ ВА ЛАШКАРИ Ӯ ЗИДДИ ИСРОИЛ МЕБАРОЯД,ХУДО ДАР АВВАЛЗАМИНҲОИ ҲИМОЯНАШУДАИ ИСРОИЛРО НАҶОТ МЕДИҲАД, ТО ОНҲО ДОНАНД, КИ ИН ДАСТИ ХУДО БУД.
«ОНҲО БА Ӯ, КИ НАЙЗА ЗАДААНД, НАЗАР ХОҲАНД ДӮХТ, ВА БАРОИ Ӯ ЧУН БАРОИ ПИСАРИ ЯГОНА НАВҲА ХОҲАНД КАРД, ВА ЧУН БАРОИ НАХУСТЗОДА МОТАМ ХОҲАНД ГИРИФТ».2
(2) ИСРОИЛ ОН ВАҚТ ТАВБА МЕКУНАД, КИ ОНҲО БА КАСЕ КИ ОНҲО РАД КАРДА, БА САЛИБ КАШИДАНД, НАЗАР ХОҲАНД ДӮХТ.
Закарё 12:1-13


«ДАР ОН РӮЗ БАРОИ ХОНАДОНИ ДОВУД ВА СОКИНОНИ УРШАЛИМ ЧАШМАЕ АЗ БАҲРИ ШУСТАНИ ГУНОҲ ВА НАҶОСАТ КУШОДА ХОҲАД ШУД».
«ВА АГАР КАСЕ ПУРСАД: "ИН ДОҒҲОИ ЗАХМ ДАР МИЁНИ БОЗУҲОИ ТУ ЧИСТ?", ӯ ҶАВОБ ХОҲАД ДОД: "ИНҲО ЗАХМҲОЕСТ, КИ ДАР ХОНАИ ДӮСТДОРОНАМ ХӮРДААМ!"»
«ЭЙ ШАМШЕР! БА МУҚОБИЛИ ЧӮПОНИ МАН, БА МУҚОБИЛИ ЁРИ МАН ВА ҲАМТОИ МАН БАРХЕЗ»,1 – МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО.
«ЧӮПОНРО БИЗАН, ВА ГӮСФАНДОН ПАРОКАНДА ХОҲАНД ШУД, АММО МАН БАРМЕГАРДАМ ВА ДАР ҲАҚҚИ БАРРАЧАҲО ҒАМХОРӢ МЕКУНАМ».
(1) ХУДО ИН ШАХСИЯТРО ЁРИ ХУД МЕНОМАД. ИСОИ МАСЕҲ – ҲАМТОИ ӮСТ.
«АЗ СЕ ДУ ҲИССАИ ХАЛҚИ ИСРОИЛ НЕСТУ НОБУД ХОҲАНД ГАРДИД, ВА ҲИССАИ СЕЮМАШ ДАР ЗАМИН БОҚӢ ХОҲАД МОНД».2
«ОНҲО НОМИ МАРО ХОҲАНД ХОНД, ВА МАН БА ОНҲО ХОҲАМ ГУФТ: "ИН МАРДУМИ МАН АСТ!" ВА Ӯ ХОҲАД ГУФТ: "ПАРВАРДИГОР ХУДОИ МАН АСТ!"».3
(2) ҲАНГОМИ ИСТИЛОИ РУМИЁН ДУ МИЛЛИОН ЯҲУДӢ КУШТА ШУДАНД, ВА БОЗ ШАШ МИЛЛИОН ДАР ЗАМОНИ ҲИТЛЕР. ИН ПЕШГӮЙ ДИГАР ФАЛОКАТҲОИ БА САРИ ЯҲУДИЁН ОМАДАРО НИЗ ДАР БАР ГИРИФТА МЕТАВОНАД.
(3) БИСЁР ЯҲУДИЁН ДАР ИН ВАҚТ БА МАСЕҲ ИМОН МЕОВАРАНД.
Закарё 13:1-9


«ДАР ОН РӮЗ ПАРВАРДИГОР ҲАМАИ ХАЛҚҲОРО БА МУҚОБИЛИ УРШАЛИМ БАРОИ ҶАНГ ҶАМЪ ХОҲАД КАРД».
«ВА ПОЙҲОИ ӮДАР ОН РӮЗ БАР ҚӮҲИ ЗАЙТУНХОҲАД ИСТОД; ВАКӮҲИ ЗАЙТУН АЗ ШАРҚ ТО ҒАРБ, ДУ ТАҚСИМ ШУДА, ДАРАИ БИСЁР КАЛОНЕ БА ВУҶУД ХОҲАД ОМАД».
«ШУМО БА ВОСИТАИ ИН ДАРА ГУРЕХТА ХАЛОС МЕШАВЕД».1
«ВА ПАРВАРДИГОР БАР ҲАМАИ МАРДУМОНЕ КИ БА УРШАЛИМЛАШКАР КАШИДААНД, ОФАТЕ ФУРУД ХОҲАД ОВАРД».
(1) ПАРВАРДИГОР БО РОҲИ ФАВҚУТТАБИӢ БА ЯҲУДИЁН РОҲИ НАҶОТРО ПЕШКАШ МЕКУНАД.
«ГӮШТИ БАДАНИ ОНҲО, ДАР ҲОЛАТЕ КИ ҲАНӮЗ БА ПОЙҲОИ ХУД ИСТОДА БОШАНД, ХОҲАД ТОСИД, ВА ЧАШМОНАШОН ДАР КОСАХОНААШ ХОҲАД ПӮСИД, ВА ЗАБОНАШОН ДАР ДАҲОНАШОН ФАСОД ХОҲАД КАРД».2
«ОНҲО ЗИДДИ ЯКДИГАР ХОҲАНД ҶАНГИД, ВА ҲАМИН ГУНА ОФАТ ЧОРВОИ ОНҲОРО ХОҲАД ЗАД».
(2) ХОҲ ИН ЗАРБАИ ҲАСТАӢ БОШАД, Ё ХИМИЯВӢ, Ё ОФАТИ ИЛОҲӢ – ДУШМАНОНИ ИСРОИЛ ДАР ҶОЯШОН НОБУД КАРДА МЕШАВАНД.
Закарё 14:1-15


«ВА ПАРВАРДИГОР БАР ТАМОМИ ЗАМИН ПОДШОҲ ХОҲАД БУД; ДАР ОН РӮЗ ПАРВАРДИГОР ЯГОНА ХОҲАД БУД, ВА ТАНҲО НОМИ Ӯ ҶАЛОЛ ДОДА ХОҲАД ШУД».
«ТАМОМИ ЗАМИН БА ДАШТРӮЯЕ ТАБДИЛ ХОҲАД ЁФТ, АММОУРШАЛИМ ДАР БАЛАНДӢ ХОҲАД БУД».
«ВА ДАР ОХИР КАСОНЕ КИ АЗ ОФАТ ЗИНДА МОНДААНД, БА УРШАЛИМ ХОҲАНД ОМАД, ТО БА ПОДШОҲ –ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО САҶДА БАРАНД, ВА ИДИ ХАЙМАҲОРО ҶАШН ГИРАНД».
(1) ИН ИД БАРОИ ЁДБУД ВА ШУКРГУЗОРӢ БАРОИ ҚУРБОНИИ САЛИБИИ ИСОИ МАСЕҲ ҶАШН ГИРИФТА МЕШАВАД.
«ВА АГАР ЯГОН ҚАБИЛА АЗ ҚАБИЛАҲОИ РӮИ ЗАМИН БА УРШАЛИМ БАРОИ САҶДА БУРДАН БА ПОДШОҲ – ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО НАОЯНД, БАР ОНҲО БОРОН НАХОҲАД БОРИД».
Закарё 14:9-17






Закарё 14:20-21, Матто 23:34-35


ТАҚРИБАН ДАР СОЛҲОИ 538-536ТО МИЛОД ПАНҶОҲ ҲАЗОР ЯҲУДИЁН АЗ БОБИЛ БА ЯҲУДО БАРГАШТАНД.
МАЛОКӢ
ДАР СОЛИ 516 ТО МИЛОД ОНҲО СОХТМОНИ ИБОДАТГОҲИ НАВРО ТАҲТИ РОҲБАРИИ ЗАРУБОБИЛ БА ОХИР РАСОНДАНД.
ЭЗРО БО ГУРӮҲИ ДУЮМИ МУҲОҶИРОН ДАР СОЛИ 458 ТО МИЛОД БАРГАШТ, АЗ ПАЙИ ОНҲО ДАР СОЛИ 445 ТО МИЛОДГУРӮҲИ СЕЮМ ТАҲТИ РОҲБАРИИ НАҲЕМЁ ОМАД.
АММО ПАС АЗ САД СОЛ ЯҲУДИЁН БОЗ БА ПАРАСТИШИ МАРОСИМӢ ДОДА ШУДАНД ВА ДИЛҲОИ ХУДРО ДАР НАЗДИ ХУДО САХТ КАРДАНД.
НАҲЕМЁ, ЧУНОН КИ ВАЪДА ДОДА БУД, ПАС АЗ БАРҚАРОР НАМУДАНИ ДЕВОРИ УРШАЛИМ БА НАЗДИ ПОДШОҲИ ФОРС БАРГАШТ.
ДАР ИН МУДДАТ ПАЙҒАМБАР МАЛОКӢ БА КАСОНЕ КИ АЗ ХУДОИ ДӮСТДОР ВА ШАРИАТИ Ӯ ХЕЛЕ ДУР ШУДА БУДАНД, БО ҶИДДУ ҶАҲД МУРОҶИАТ МЕНАМУД.


«МАН ШУМОРО ДӮСТ ДОШТАМ», - МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР.
«АММО ШУМО ЭЪТИРОЗ НАМУДЕД: "НАХОД? КАЙ ТУ МОРО ДӮСТ ДОШТӢ?"»
ВАПАРВАРДИГОРҶАВОБ МЕДИҲАД: «МАН БА ПАДАРАТОН ЯЪҚУБ МАРҲАМАТ НАМУДА, МУҲАББАТИ ХУДРО БА ШУМО ЗОҲИР НАМУДАМ».
«ПИСАР ПАДАРРО ИЗЗАТ МЕКУНАД, ВА ҒУЛОМ – ХОҶАИ ХУДРО. МАН ПАДАР ВА ХОҶАИ ШУМО ҲАСТАМ, АММО ШУМО, ЭЙ КОҲИНОН, НОМИ МАРО БЕҲУРМАТ МЕКУНЕД».
«ШУМО МЕПУРСЕД: "КАЙМО НОМИ ТУРО БЕҲУРМАТ КАРДАЕМ?"»
«ҲАНГОМЕ КИ БАР ҚУРБОНГОҲИ МАН ҚУРБОНИҲОИ НОПОК МЕОВАРЕД».
«ҲАНГОМЕ КИ ШУМО МЕГӮЕД: ”ДАСТУРХОНИ ХУДО САЗОВОРИ ҲУРМАТ НЕСТ!”, МАГАР ҲАҚ БА ҶОНИБИ ШУМОСТ?»
«ОЁ ВОЛИИ ШУМО АЗ ЧУНИН ПЕШКАШ ҚАНОАТМАНД МЕШАВАД?!»
«ШУМОМЕГӮЕД: ”БА ПАРВАРДИГОР ХИЗМАТ КАРДАН ДУШВОР АСТ”, ВА БА ДАСТУРҲОИ МАН БЕЭЪТИНОӢ МЕКУНЕД».
«ЛАЪНАТ  БА КАСЕ КИ ҚӮЧҚОРИ ХУБЕРО НАЗР НАМУДААСТ, ВАЛЕ ҲАЙВОНИ МАЪЮБЕРО БАРОИ ХУДО ҚУРБОНӣ МЕКУНАД».
«ЗЕРО КИ МАНПОДШОҲИ БУЗУРГ ҲАСТАМ,–МЕГӮЯДПАРВАРДИГОР И ЛАШКАРҲО,– ВА НОМИ МАН ДАР МИЁНИ ХАЛҚҲО ХЕЛЕ САҲМГИН АСТ».


«АГАР РОҲҲОИ ХУДРО ДИГАР НАКУНЕД ВА НОМИ МАРО ҶАЛОЛ НАДИҲЕД, МАН БАР ШУМО ҶАЗОИ ДАҲШАТНОК ХОҲАМ ФИРИСТОД».
«МАН САРГИНИ ЧОРВОЕРО, КИ ШУМО БА МАН МЕОВАРЕД, БАР РӮЙҲОЯТОН ХОҲАМ ПОШИД».
«ХОҲЕД ДОНИСТ, КИ МАН ИН ОГОҲИРО БА ШУМО ФИРИСТОДААМ, ТО БА ДАСТУРҲОЕ КИ БА ПАДАРАТОН ЛЕВӣ ДОДААМ, БОЗГАРДЕД, МЕГӯЯД ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО.
«Ӯ ТАМОМИ ҲАҚИҚАТРО, КИ АЗ МАН МЕГИРИФТ, БА МАРДУМ МЕРАСОНД. ДАР ОСОИШ ВА РОСТӣ БА ҲУЗУРИ МАН РАФТОР МЕНАМУД, ВА КАСОНИ БИСЁРРО АЗ ГУНОҲ БОЗДОШТ».
«ЛАБҲОИ КОҲИН БОЯД ДОНИШИ ХУДОРО МАҲФУЗ ДОРАД, ТО КИ МАРДУМ ШАРИАТИ ХУДОРО ОМӮХТА ТАВОНАНД...»
«...ВА ОДАМОН БОЯД БАРОИ МАСЛИҲАТПУРСӢ НАЗДИ Ӯ ОЯНД».
«АММО НА БА НАЗДИ ШУМО! ШУМО АЗ РОҲҲОИ ХУДО БЕРОҲА ШУДА, КАСОНИ БИСЁРРО БА ВАСВАСАИ ГУНОҲ АНДОХТЕД».
«ШУМО АҲДРО ВАЙРОН КАРДА, ТАҲРИФ НАМУДАЕД».

Малокӣ 2:1-8






Малокӣ 2:11-17


«МАН ҚОСИДИ1ХУДРО МЕФИРИСТАМ, ТО КИ Ӯ РОҲРО ПЕШИ МАН ТАЙЁР КУНАД», – МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР.
«ВА НОГАҲОН2 ҲАМОНЕ КИ ШУМО МУШТОҚИ Ӯ ҲАСТЕД, БА ҚАСРИ ХУД ХОҲАД ОМАД,– ВА БА ШУМО ХУРСАНДИИ БУЗУРГ ХОҲАД ОВАРД», – МЕГӮЯДПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО.
(1) ЯҲЁИ ТАЪМИДДИҲАНДА ҚОСИДЕ БУД, КИ ПЕШ АЗ ОМАДАНИ ЯКУМИ МАСЕҲ МАВЪИЗА МЕКАРД.
(2) ИН МАЪНОИ ОНРО ДОШТ, КИ МАСЕҲ БЕ ЭЪЛОН КАРДАН ВА ҒАЙРИЧАШМДОШТ МЕОЯД.


«АММО КИСТ, КИ ДАР ВАҚТИ ОМАДАНИ Ӯ ИСТОДАГАРӢ КАРДА ТАВОНАД?»
«"ДОВАРИҲОИ МАН БАР ОНҲОЕ КИ АЗ МАН НАМЕТАРСАНД, ЗУД ИҶРО КАРДА МЕШАВАНД", – МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО».
«МАН, КИ ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ, ТАҒЙИР НАЁФТААМ. АЗ ИН РӮ ШУМОНЕСТУ НОБУД НАШУДАЕД, ЗЕРО МАРҲАМАТИ МАН ТО АБАД ДАВОМ МЕКУНАД».
«ОЁ РАВОСТ, КИ ОДАМ ХУДОРО ҒОРАТ КУНАД? АЛБАТТА, НЕ! АММО ШУМО МАРО ҒОРАТ МЕКУНЕД!»
«КАЙ МО ТУРО ҒОРАТ КАРДАЕМ?» –МЕГӮЕД ШУМО.
«АГАРЧИ ШУМО АЗ ФАРОИЗИ МАН ДУР ШУДА, ОНҲОРО РИОЯ НАКАРДАЕД, ҲАНӮЗ МЕТАВОНЕД НАЗДИ МАН БАРГАРДЕД, – МЕГӮЯДПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО.– БИЁЕД, ВА МАН ШУМОРО МЕБАХШАМ».
«ШУМО МАРО ДАР БОБАТИ ДАҲЯКӢ ВА ҲАДИЯҲО ҒОРАТ МЕКУНЕД, АЗ ИН РӮ ТАМОНИ ХАЛҚИ ШУМО ГИРИФТОРИ ЛАЪНАТ ШУДААСТ».

Малокӣ 3:1-9




Малокӣ 3:10-18


«ИНАК, –МЕГӮЯДПАРВАРДИГ ОРИ ЛАШКАРҲО, – РӮЗИ ДОВАРӢ ЧУН ТАНӮРИ ФУРӮЗОН МЕОЯД».
«МАҒРУРОН ВА БАДКОРОН МИСЛИ ХАС СӮЗОНИДА МЕШАВАНД; ЧУН ДАРАХТ,КИ ОНРО ОТАШ ФУРӮ МЕБАРАД – БО РЕШАҲО ВА ШОХАҲО».
«ВАЛЕ БАРОИ ШУМО, ЭЙ ТАРСГОРОНИ НОМИ МАН, ОФТОБИ РОСТКОРӢ ХОҲАД БАРОМАД, ВА ДАР ШУОЪҲОИ ОН ШИФО ХОҲАД БУД».
«ВА ШУМО БЕРУН ОМАДА, МИСЛИ ГӯСОЛАҲОЕ КИБА ЧАРОГОҲ БАРОМАДААНД, ҶАСТУХЕЗ ХОҲЕД КАРД».
«ВА БАДКОРОНРО ЧУН ХОКИ ЗЕРИ ПОЙ ПОЙМОЛ ХОҲЕД КАРД», –МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО.


«ТАВРОТИ БАНДАИ МАН МУСОРО, КИ БА Ӯ ДАР ҲӮРИБ БАРОИ ТАМОМИ ИСРОИЛ ДОДААМ, ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД».
«ИНАК, МАН ПАЙҒАМБАРИ ДИГАРЕРО, ЧУН ИЛЁСИ НАБӢ, ПЕШ АЗ ОМАДАНИ РӮЗИ САҲМГИНИДОВАРИИХУДО НАЗДИ ШУМО МЕФИРИСТАМ"».
«"МАВЪИЗАИ Ӯ БОЗ ПАДАРОНУ ПИСАРОНРО БО ҲАМ ҶАМЪ ХОҲАД КАРД..."»
«"...ЗЕРО ОНҲО МЕДОНАНД, КИ АГАР ТАВБА НАКУНАНД, МАН ОМАДА, ЗАМИНРО БА ТАҲЛУКА ГИРИФТОР МЕНАМОЯМ"».


Intertestamental
БАЙНИ ВОҚЕАҲОИ ОХИРИНИ ҲАЁТИ НАҲЕМЁ БО ОХИРИН ПАЙҒАМБАРИИ МАЛОКӢ, КИ ДАР АҲДИ ҚАДИМ ДАР СОЛИ 425 ТО МИЛОД САБТ ЁФТААНД, ВА ИБТИДОИ АҲДИ ҶАДИД ДАР СОЛҲОИ 6-4 ТО МИЛОД ФОСИЛАИ ЗИЁДА АЗ 400 СОЛ ҲАСТ.
АЗБАСКИ ДАР ИН МУДДАТ КАЛОМИ ПАЙҒАМБАРОНА НАБУД, ИН ДАВРАРО ГОҲО «ЧОРСАД СОЛИ ХОМӮШӢ» МЕНОМАНД.
ТАҚРИБАН ДАР ТӮЛИ 100 СОЛ ПАС АЗ АНҶОМ ЁФТАНИ ТАШАККУЛИ КИТОБҲОИ АҲДИ ҚАДИМ ЯҲУДО ВИЛОЯТЕ ДАР ДАВЛАТИ ФОРС ТАҲТИ РОҲБАРИИ ҲОКИМИ СУРИЯБО САРКОҲИНОН БУД, КИ ҲОКИМИЯТИ ШАҲРВАНДИРО АМАЛӢ МЕНАМУДАНД.
АММО ҲАНГОМЕ КИ ИСКАНДАРИ БУЗУРГ ДАР СЕ МУҲОРИБАИ ҲАЛКУНАНДА БАР ПОДШОҲИ ФОРС ДОРЁВЕШИ III ҒОЛИБ ШУД, Ӯ ИМПЕРИЯИ ФОРСРО, КИ ЯҲУДОРО НИЗ ДАР БАР МЕГИРИФТ, ЗЕРИ ИТОАТ ДАРОВАРД.



МО НАМЕДОНЕМ, КИ ИН ИСТИЛОГАРИ НАВ БО МО ЧӢ МЕКУНАД.
ПАС АЗ ДУОИ МАН, ХУДО ШАБИ ГУЗАШТА ДАР ХОБ БА МАН ГУФТ, КИ ҲАНГОМЕ МО ИН САРВАРИ ҲАРБИИ НАВРО АЗ ЮНОН ПЕШВОЗ МЕГИРЕМ, МАН БОЯД ИН ЛИБОСҲОРО ДАР БАР КУНАМ.
МАН ХУДОИ ЯҲУДИЁНРО ҲАМДУ САНО МЕГӮЯМ ВА НАЗДИ Ӯ ТАЪЗИМ МЕКУНАМ.
САРВАР?!
ТУ ХУДОИ МОРО ПАРАСТИШ МЕКУНӢ?
НЕ, АММО Ӯ ДАР ХОБ БА МАН ЗОҲИР ШУДА, ТУРО БО ИН ЛИБОСҲОЯТ БА МАН НИШОН ДОД, ВА МАН ФАҲМИДАМ, КИ БОЯД ТУРО КОФТА ЁБАМ.
БАЪД... МАН БАР ТАМОМИ ФОРС ҒОЛИБ МЕШУДАМ.
ДАР ИБОДАТГОҲ ИСКАНДАР МУВОФИҚИ ДАСТУРҲОИ КОҲИН ҚУРБОНИҲО ОВАРД.
ДАР ЛӮЛАПЕЧҲОИ МО ПАЙҒАМБАР ДОНИЁЛ ГУФТААСТ, КИ ҶАНГОВАРИ БУЗУРГИ ЮНОНӢ ОМАДА, ТАМОМИ ФОРСРО ЗАБТ МЕКУНАД.
МАН ҲАМОНЕ ҲАСАМ, КИ ХУДОИ ШУМО ДАР БОРАИ Ӯ ПЕШГӮӢ КАРДААСТ.
АЗ БОИСИ ЭҲТИРОМЕ КИ МАН БА ХУДОИ ШУМО ДОРАМ, ШУМО МЕТАВОНЕД МУВОФИҚИ ПАРВАРДИГОРИ ХУД ЗИНДАГӢ КУНЕД ВА ДАР СОЛИ ШАНБЕИ ОРОМИШ АЗ ПАРДОХТАНИ АНДОЗ ОЗОД БОШЕД.


ДАР СОЛИ 323 ТО МИЛОД ИСКАНДАРИ БУЗУРГ АЗ БЕМОРӢ Ё АЗ ЗАҲР МУРД. ПАС АЗ ИН БАЙНИ САРЛАШКАРОНИ Ӯ МУБОРИЗА БАРОИ ҲУКМРОНӢ БАР ИМПЕРИЯИ Ӯ САР ШУД.
ИМПЕРИЯИ Ӯ БА ЧОР МИНТАҚА ТАҚСИМ ШУД, КИ ОНРО ЧОР САРЛАШКАР ИДОРА МЕКАРДАНД.
ЯҲУДО ЗЕРИ ҲУКМРОНИИ ПТОЛЕМЕЙИI СОТЕР БУД. Ӯ БА ЯҲУДИЁН ОЗОДИИ ДИНӢ ДОДА БУД, АММО АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ЗУЛМ МЕКАРД.
ДАР СОЛИ 198 ТО МИЛОД АНТИОХИIIIБАР ПТОЛЕМЕЙИVЭПИФАН ҒАЛАБА КАРД, ВА ЯҲУДО ЗЕРИ ИТОАТИ СЕЛЕВКИҲО АФТИД.
ДАР ИБТИДО БА ЯҲУДИЁН БО ТАҲАММУЛ МУНОСИБАТ МЕНАМУДАНД, АММО АНТИОХИ IV ЭПИФАН ФАРМУД, КИ ФАЛАСТИН«ЮНОНӢ» КАРДА ШАВАД.
Ӯ РИОЯИ ШАНБЕ, ХАТНАИ КӮДАКОНРО МАНЪ НАМУД, ВА ФАРМУД, КИ ДАСТНАВИСҲОИ ТАВРОТ НОБУД КАРДА ШАВАНД.


АММО ҲАНГОМЕ КИ АНТИОХИ IV ЕЭПИФАН ДАР ИБОДАТГОҲИ ЯҲУДИЁН МУҶАССАМАИ ЗЕВСРО ГУЗОШТ ВА ДАР ҚУРБОНГОҲИ ХУДО ХУКРО ҚУРБОНӢ, КОҲИНИ ПИРОНСОЛ МАТТИТЁ ДАХОЛАТ НАМУД.
ИН КУФР АСТ – ХУДОИ ДИГАРЕ МОНАНДИ ХУДОИ МО НЕСТ!
МАТТИТЁ ПАНҶ ПИСАР ДОШТ, КИ ТАХТИ РОҲБАРИИ ПИСАРАШ ЯҲУДОИ МАККАБӢ(«БОЛҒА») БОРҲО БО ТАКТИКАИ ҲУҶУМ ВА АҚИБНИШИНӢ БАР ЗИДДИ ЛАШКАРИ СЕЛЕВКИҲО ҶАНГИДА БУДАНД.
ОНҲО ЧУН БОЛҒА БА МО ҲУҶУМ МЕКУНАНД!
ЯҲУДИҲО БИСТУ ЧОР СОЛ БАР ЗИДДИ СЕЛЕВКИҲО ҶАНГИДАНД (СОЛҲОИ 166-142 ТО МИЛОД).
БО НАЗАРДОШТИ АФЗУДАНИ ФИШОРИ РУМИЁН БА СЕЛЕВКИҲО, ЯҲУДИЁН ДАР ОХИР АЗ СУРИЯ МУСТАҚИЛ ШУДАНД.
МО БОЯД ИБОДАТГОҲРО ПОК КУНЕМ ВА АЗ НАВ БА ХУДО БАХШЕМ, АММО МО ТАНҲО ЯК ЗАРФРО АЗ ЗАМОНИ САМУИЛ ЁФТА ТАВОНИСТЕМ – ОН ТАНҲО БАРОИ ЯК РӮЗ МЕРАСАД.
БАРОИ ТАҚДИСИ МИҚДОРИ БЕШТАРИ РАВҒАН ТАҚРИБАН ҲАШТ РӮЗДАРКОР АСТ!
АММО ОТАШ ДАР ЧАРОҒДОН ҲАШТ РӮЗУ ҲАШТ ШАБ... СӮХТАНРО ДАВОМ ДОД.
ВА ДАР ДАВОМИ 100 СОЛ ЯҲУДИЁН ОЗОД БУДАНД.


АВЛОДОНИ МАТТИТЁ ВАЗИФАИ САРКОҲИНИРО БА ӮҲДА ГИРИФТАНД – АГАРЧИ ОНҲО БА НАСЛИ СОДӮҚ, КИ ХУДО САРКОҲИНИРО БАРОИ ОНҲО МУҚАРРАР НАМУДА БУД, ТААЛЛУҚ НАДОШТАНД.1
(1) АДАДҲО 25:10-13
ОНҲО ЧУН СУЛОЛАИ ҲАСМОНЕЙҲО МАЪРУФ ГАРДИДАНД, КИ АЗ СОЛИ 142 ТО 63 ТО МИЛОД ДАВОМ КАРД.
АММО ҲАСМОНЕЙҲО БА ЗУДӢ ЗЕРИ ТАЪСИРИ ЮНОНӢ АФТОДАНД – ҲАМОН ТАЪСИРЕ КИ ДАР ИБТИДО ОНҲО ЗИДДИ ОН БАРХЕСТА БУДАНД.
АММО ДАР СОЛИ 63 ТО МИЛОД САРЛАШКАРИ РУМӢ ПОМПЕЙ УРШАЛИМРО ЗАБТ НАМУД, ВА ЯҲУДИЁН БОЗ ЗЕРИ ИТОАТИ ИСТИЛОГАРИ АҶНАБӢ АФТОДАНД.


ПАС АЗ ДАВОМ ЁФТАНИ НООРОМИҲО ДАР САРЗАМИН, РУМИЁН БАР ЯҲУДО ҲИРОДУСИ БУЗУРГРО ҲАМЧУН ПОДШОҲ ГУЗОШТАНД.
Ӯ АСЛАН АЗ АВЛОДИ АДУМИЁН БУДА, ДИНИ ЯҲУДИРО ҚАБУЛ КАРДА БУД.
Ӯ ДАЪВОҲОИ ЗИЁДИ СИЁСӢ ДОШТ ВА БА СЕНАТИ РУМ ВАЪДА ДОД, КИ АГАР ӮРО БАР ЯҲУДО ҲОКИМ ТАЪЙИН КУНАНД, Ӯ ЯҲУДИЁНРО БА ОН ВОДОР ХОҲАД КАРД, КИ ШӮРИШ НАБАРДОРАНД.
ҲИРОДУС КӮШИШ КАРД БО СОХТМОНИ ИБОДАТГОҲИ НАВИ ЗЕБО ҲУСНИ ТАВАҶҶӮҲИ ЯҲУДИЁНРО БА ДАСТ ОВАРАД, АММО МАРДУМ АЗ Ӯ НАФРАТ ДОШТАНД.
ҲАНГОМЕ КИ ҲИРОДУСИ БУЗУРГ ДАР ФАЛАСТИН АЗ СОЛИ 37 ТО МИЛОДТОСОЛИ 4-УМИ МИЛОДӢ ҲУКМРОНӢ МЕКАРД, ҲАМАИ АЪЗОЁНИ ОИЛАИ ХУДРО ВА ҲАТТО РАВВИНҲОРО КУШТ.
ҲАНГОМЕ КИ ИСОИ МАСЕҲ ТАВАЛЛУД ШУД, ҲИРОДУС «ПОДШОҲИ ЯҲУДО» БУД.


КӮЧОНИДАНИ ЯҲУДИЁН АЗ ЗАМИНИ ХУД, ЧУНОН КИ ИНРО ПАЙҒАМБАРОН ПЕШГӮЙ КАРДА БУДАНД, ДАР ДУ МУҲОҶИРАТИ ДИГАР-ДИГАР БА АМАЛ ОМАД.
АВВАЛИН БОР ДАҲ ҚАБИЛАИ ОНҲОРО АШШУРИЁН ДАР СОЛИ 740 ТО МИЛОД, ҲАНГОМИ ЗАБТ НАМУДАНИ ПОДШОҲИИ ШИМОЛӢ КӮЧОНДАНД.
1(1) 2 ПОДШОҲОН 17:2
БОРИ ДУЮМ ОНҲОРО ОН ВАҚТ КӮЧОНДАНД, КИ БОБИЛИЁН УРШАЛИМРО ЗАБТ НАМУДАНД. ИН ДАР СОЛҲОИ 597, 587 ВА 582 ТО МИЛОД РӮЙ ДОДА БУД.
БИСЁРЕ АЗ ЯҲУДИЁН БАРНАГАШТАНД, ВА ДАР ИМПЕРИЯИ ФОРС, КИ БОБИЛРО ЗАБТ КАРДА БУД, ЗИНДАГӢ МЕКАРДАНД.
МУҲОҶИРОН АҲДИ ҚАДИМРО ОМӮХТА, БОВАРӢ ДОШТАНД, КИ МУҲОҶИРКУНӢ АЗ БОИСИ КАМИИ ДОНИШ ВА БЕИТОАТӢ БА ТАВРОТ РӮЙ ДОДААСТ.
КИТОБДОНОН ДОНИШМАНДОНИ ТАВРОТ ШУДАНД, ВА РАВВИНҲОМУАЛЛИМОНЕ ШУДАНД, КИ ЧУНИН ФАҲМИШИ НАВИШТАРО БА АСОС МЕГИРИФТАНД.
ПАС АЗ ХАРОБ ГАРДИДАНИ ИБОДАТГОҲ ДАР СОЛИ 586 ТО МИЛОДЯҲУДИЁН ДАР КУНИШТҲОИ МАҲАЛЛӢ ПАРАСТИШИ ХУДРО АНҶОМ МЕДОДАНД.
ҲАТТО ПАС АЗ ОН КИ ЗАРУБОБИЛ ИБОДАТГОҲРО БАРҚАРОР НАМУД, КУНИШТҲО ДАР СОЛИ 516 ТО МИЛОД МАВҶУДИЯТИ ХУДРО ДАВОМ ДОДАНД.


ЯҲУДИЁНЕ КИ БЕРУН АЗ ФАЛАСТИН МЕЗИСТАНД, АСОСАН БА ЮНОНӢ ГАП МЕЗАДАНД, ВА АҲДИ ҚАДИМ ДАР СОЛИ 250 ТО МИЛОД БА ЮНОНӢ ТАРҶУМА КАРДА ШУД.
МУВОФИҚИ РИВОЯТИ ЯҲУДӢ,ОНРО 72 ОЛИМИ ЯҲУДӢ ДАР ДАВОМИ 72 СОЛТАРҶУМА КАРДААНД (СЕПТУАГИНТА – КАЛИМАИ ЛОТИНӢ БУДА, МАЪНОЯШ «ҲАФТОД» АСТ).
ЭҲТИМОЛИ ҚАВӢ МЕРАВАД, КИ СЕПТУАГИНТА ДАР ИСКАНДАРИЯ ДАР МУДДАТИ ЗИЁДТАР ТАРҶУМА ШУДААСТ.
ҲИЗБИ ДИНИИ ФАРИСИЁН, ЭҲТИМОЛ, АЗ «ТАҚДИСЁФТАГОН» САР ШУД, ҲАНГОМЕ КИ МАККАБИЁН КӮШИШ КАРДАНД САРЗАМИНРО ПОК КУНАНД.
СИПАС, ҲАНГОМЕ КИ МАҚКАБИЁН БА ФАРҲАНГИ ЮНОНӢ МАЙЛ ПАЙДО КАРДАНД, ИН ТАҚДИСЁФТАГОН АЗ ОНҲО ҶУДО ШУДАНД (САРЧАШМАИ ИМКОНПАЗИРИ ИСТИЛОҲИ «ФАРИСӢ»).
ФАРИСИЁНШАРИАТРО МАЪНИДОД КАРДА, КӮШИШ МЕНАМУДАНД ФАҲМИШИ ХУДРО БА ҲАМАИ ЯҲУДИЁН БОР КУНАНД.
САДДУҚИЁН, ЭҲТИМОЛ, НОМИ ХУДРО АЗ АВЛОДИ КОҲИНОНАИ СОДӮҚ ГИРИФТААНД.
ИН АШРОФЗОДАГОН ТАНҲО БА ПАНҶ КИТОБИ АВВАЛИ АҲДИ ҚАДИМ БОВАР МЕКАРДАНД.
ҲАМЧУНИН ОНҲО БА ЭҲЁ БОВАР НАМЕКАРДАНД ВА ХУДРО НИГАҲДОРОНИ СИСТЕМА ВА МАРОСИМҲОИ МАЪБАД МЕҲИСОБИДАНД.
ДАР ИН ЛАҲЗАИ ТАЪРИХӢ, ДАР ВАҚТИ БА ТАВРИ ИДЕАЛӢ ИНТИХОБКАРДАИ ПАРВАРДИГОР... БА ҶАҲОН ПИСАРИ ХУДО ОМАД.

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."













**SUPERBIBLE.TV**